# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович дар мавзуи “Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).**

Тавре ки дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (аз 28 декабри соли 2023) зикр гардидааст, Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҳадафи асосии ислоҳоти густурдаи иқтисодии Ҳукумати мамлакат бунёди иқтисодиёти пурқуввати рақобатпазири миллӣ ва пайваста баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мебошад. Дар натиҷаи амалисозии ҳадафҳои гузошташуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтисодиёти гуногунсоҳа рушд ёфта, дар заминаи афзалиятҳои моликияти хусусӣ барои гузариши тадриҷӣ ба муносибатҳои иқтисоди бозории озод дар асоси принсипҳои демократӣ шароит фароҳам оварда шудааст.

Ҳамзамон бо ин, боз ҳам беҳтар кардани фазои пешбурди фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ, бартарафсозии монеаҳои маъмурӣ, такмили асосҳои ҳифзи ҳуқуқи моликият ва уҳдадориҳои шартномавӣ, инчунин ҳалли саривақтии мушкилоту масъалаҳои соҳибкорону сармоягузорон ба рушди рақобат мусоидат намуда, пешрафти устувори иқтисоди миллиро барои давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат таъмин менамояд.

Бо дарназардошти торафт афзоиш ёфтани рақобати минтақавӣ дар самтҳои ҷалби сармоя ва ҷолибияти фазои соҳибкорӣ ва хусусиятҳои объективонаи ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ муҳимият ва саривақтии таҳқиқот муайян карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ, Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович 18 январи соли 1988 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2006 факултети муносибатҳои иқтисодиёти ҷаҳон ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон хатм намудааст.

Аз соли 2010 то соли 2020 дар вазифаи ассистенти кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналхалқии факултети муносибатҳои иқтисоди байналхалқии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз сентябри соли 2021 то ҳол дар факултети муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ, ҳуқуқ ва гумрук ба ҳайси муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмиллалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кору фаъолият менамояд.

Аз 30.11.2016 ба ҳайси унвонҷӯ аз рӯи ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ, дар шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Мавзӯи кори диссертатсионии Давлатов Н.С. дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 06 марти соли 2018, қарори 8 тасдиқ гардидааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4(хуб) (24.12.2019), аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб) (06.07.2019) ва имтиҳон аз фанни ихтисос бо баҳои 5 (аъло) (16.01.2024) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

Давлатов Н.С. дар як қатор конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, корҳои илмияшро оид ба натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои илмии аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шуда ба нашррасонидааст.

Дар раванди таҳияи диссертатсия Давлатов Н.С. худро ҳамчун шахси таҳқиқотчии фаъол нишон дода, барои омода намудани рисолаи номзадӣ аз адабиётҳои ватанию хориҷии соҳавӣ васеъ истифода намудааст.

Теъдоди корҳои нашршудаи муаллиф, ки дар давоми фаъолияташ таҳия шудаанд, аз доираи фаъолияти мавсуф дарак медиҳанд. Давлатов Н.С. оид ба мавзуи рисолаи номзадӣ, дар маҷмӯъ, 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмиро дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Мақсади асосии диссертатсияи Давлатов Н.С. аз коркарди пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ доир ба ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад, ки довталаб ба мақсади зикршуда ноилгаштааст ва ҳамаи вазифаҳои муқарраршуда ҳалли худро ёфтаанд.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ): 1. Инкишофи назария ва методологияи соҳибкорӣ; 6. Ташаккул ва инкишофи шаклҳои гуногун соҳибкорӣ: ташкилию ҳуқуқӣ; аз рӯи миқёс фаъолияти соҳибкорӣ; 8. Танзими давлатӣ ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 15.Ташаккул ва рушди муҳити мусоиди соҳибкорӣ; 16.Ҳавасмандгардонии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ; 24. Соҳибкории инфиродӣ ва таъмини рушди он мутобиқ мебошад.

Заминаҳои назариявию методии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои таҳқиқотии мукаммал ва бунёдӣ вобаста ба илми назарияи иқтисодии ба назарияи муосири рушди соҳибкорӣ вобастабуда, таҳқиқотҳои монографию диссертатсионӣ, нашри илмии олимони дохилию хориҷии ба таҳқиқи масъалаҳои рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ машғулбуда, таъминоти сармоягузории соҳа ва ташкилу такмили инфрасохтори он ташкил намуда, инчунин маводҳо ва тавсияҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ, барнома ва стратегияву барномаҳои рушди

иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, қарорҳои Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи рушди фазои соҳибкорӣ ва дар маҷмӯъ, таъмини рушди иқтисодии мамлакат ташкил медиҳанд.

Дар таҳқиқот вобаста ба масъалаҳои ҳалталаби дар пешгузошташуда чунин усулҳои таҳқиқот истифода шуданд: услубҳои таҳаввулотӣ-таърихӣ, институтсионалӣ, усулҳои умумиилмии диаллективӣ-мантиқии таҳлил ва синтез, муқоисанамоӣ, таҳлили коррелятсионӣ, амсилабандии иқтисодӣ-математикӣ, қаторҳои динамикӣ, баҳодиҳии муқоисавӣ, инчунин усулҳои гузаронидани пурсишномаҳо, анкетакунонӣ, гузаронидани таҳлил ва гурӯҳбандии натиҷаҳои он ва ғайра.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулоса ва тавсияҳо оид ба ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ пешниҳод гаштаанд. Татбиқ ва тасдиқи ҷанбаҳои методӣ ва тавсияҳои коркардшуда имконият медиҳанд, ки маҷмӯи чорабиниҳои самаранок вобаста ба дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар сатҳҳои гуногуни миллӣ ва минтақавӣ аз рӯйи самтҳои иқтисодӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми такмилдиҳии асосҳои институтсионаливу сохторӣ дар самти ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ, ташкили инфрасохтори ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ бо тақвияти маблағгузорӣ ва молиякунонии чунин фаъолият, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишии сайёр баҳри такмили малакаи соҳибкорон, коркарди стратегияи рушди устувори соҳибкорӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ метавонанд истифода шаванд.

Хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Асосҳои соҳибкорӣ», «Иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории хурд»,

«Иқтисодиёти корхона», «Соҳибкории инноватсионӣ»ва ғайра татбиқ шудаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Давлатов Н.С. дар мавзуи “Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” рисолаи мустақилона ва дар мавзуи мубрам иҷрошуда ба ҳисоб рафта, дорои унсурҳои навгонии илмӣ ва аҳамияти илмию амалӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) тавсия мегардад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Муқаддасзода Ф.М.**

*Имзои Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас –ро тасдиқ мекунам.*

**Сардори Раёсати кадрҳо,**
**коргузорӣ ва корҳои махсуси**
**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ҳамидов Ш.Б.**

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ

15.09.2025